ПРОТОКОЛИ № 29

ҷаласаи Шурои диссертатсионии **6D.KOA-039**

аз «30» октябри соли 2026 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои шуро 8 нафар

Раиси Шуро: Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 29 майи соли 2023, №135/шд, тасдиқгардида, 8 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 2 нафарашон докторони илми ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори Шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Ҷумазода Муҳаммадзоир Маҳмад дар мавзуи «Тейлериози чорвои калони шохдор ва чораҳои мубориза бо он дар Тоҷикистони Шимолӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D120106 - Паразитология.

ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ номзади илмҳои биологӣ Курчиев М.Ю., ва аъзои комиссия номзади илмҳои ветеринарӣ Иброҳимзода Б.И., номзади илмҳои биологӣ Қаюмова М.У. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи Ҷумазода Муҳаммадзоир Маҳмад дар мавзӯи: «Тейлериози чорвои калони шохдор ва чораҳои мубориза бо он дар Тоҷикистони Шимолӣ» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсия Ҷумазода Муҳаммадзоир Маҳмад дар мавзӯи: «Тейлериози чорвои калони шохдор ва чораҳои мубориза бо он дар Тоҷикистони Шимолӣ» ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D120106 - Паразитология пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ кард.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Ҷумазода Муҳаммадзоир Маҳмад дар мавзӯи: «Тейлериози чорвои калони шохдор ва чораҳои мубориза бо он дар Тоҷикистони Шимолӣ» ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D120106 - Паразитология ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

Каримов Сайфуддин Сайтоҷович - доктори илмҳои тиббӣ, директори Маркази таҳсилоти баъдидипломии муассисаи таълимии ғайридавлатии Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон.

Камолов Насимҷон Шарифбоевич - номзади илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи технологияи маҳсулоти хӯрокаи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров таъин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристонидани он ба сурогаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя «12» январи соли 2027, соати 10-00 муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 8 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест. **Якдилона қонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ветеринарӣ Амирбеков М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ветеринарӣ Ҳасанов Ф.Д.